Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 26 феврали соли 2026, № 74

# Барномаи давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 (минбаъд – **Барномаи мазкур**) бо мақсади иҷрои вазифаҳои дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28 декабри соли 2024 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошташуда ва бо дар назар доштани аҳамияти соҳаи нақлиёт дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, амалисозии сифатноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ, сари вақт ва бо риояи меъёрҳои муосир бунёду азнавсозии роҳҳои дорои аҳамияти байналмилалӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти роҳҳо, инчунин ташаккули долонҳои нақлиётии транзитӣ ва инфрасохтори онҳо таҳия гардидааст.

2. Ҳангоми таҳияи Барномаи мазкур муқаррарот, вазифа ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии гузошташудаи ҷумҳурӣ ба эътибор гирифта шудаанд, ки дар натиҷаи амалишавии онҳо рушд ва пешрафти соҳа аз рӯйи самтҳо ба таври алоҳида ё ин ки маҷмуавӣ пайваста амалӣ мегарданд.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ҶОРӢ ВА МУШКИЛОТИ АСОСӢ

3. Раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани ҷумҳурӣ ба кишвари транзитӣ яке аз ҳадафҳои асосии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян гардид, инчунин роҳандозии инфрасохтори нақлиётиву логистикии муосир ва ҷорисозии низоми рақамӣ дар нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, ҳавоӣ ва нақлиёти барқӣ барои рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар муҳим мебошад.

4. Дар ин раванд бо мақсади амалисозии ҳадафи стратегии соҳаи нақлиёт дар доираи Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011, №165, Барномаи ҷорӣ намудани низоми идоракунии дороиҳои роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2024, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 31 декабри соли 2020, №706, Барномаи рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2022, №532 ва Барномаи давлатии рушди низоми логистика барои солҳои 2023-2028, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2023, №503 тасдиқ шудаанд, як қатор вазифаву тадбирҳои мушаххаси соҳа амалӣ гардиданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз ҳадафҳои стратегии рушд – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ноил гардид.

5. Ҳиссаи соҳаи нақлиёт дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (минбаъд – ММД) ҳарсола ба тадриҷ зиёд гардида истодааст. Дар айни замон ҳаҷми номиналии соҳаи нақлиёт ба 11,6 млрд сомонӣ расонида шуда, дар маҷмуъ ҳиссаи нақлиёт дар ММД соли 2025 ба 8,3 дарсад баробар гардид, ки нисбат ба солҳои қаблӣ афзудааст.

6. Тибқи маълумоти расмӣ дар соҳа 2865 корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла 2482 субъектҳои хоҷагидории нақлиёти автомобилӣ (210 корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, 23-терминалҳои боркашонӣ, 41 терминалҳои мусофирбарӣ, 2141 нуқтаҳои хизматрасонии техникӣ ва таъмир, 67 таваққуфгоҳ), 246 хоҷагии роҳҳо (71 муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард» (минбаъд – МД НРА) ва 175 корхона ва муассисаҳои роҳдорӣ) ва 137 корхонаҳои роҳи оҳан фаъолият доранд, ки ин барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар соҳаи нақлиёти кишвар мусоидат мекунад.

7. Бо мақсади таъмини рушди устувор ва таҳкими инфрасохтори соҳаи нақлиёт тӯли 34 соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 63 лоиҳаи гуногунсоҳавии сармоягузории давлатӣ ба маблағи беш аз 2,7 миллиард доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико амалӣ гардид. Лоиҳаҳои нишондодашуда корҳои сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан, инчунин бунёд ва навсозии иншооти марбут ба онҳо ва таҳкими иқтидорҳои техникии соҳаи нақлиётро дар бар мегиранд.

8. Дар доираи лоиҳаҳои мазкур сохтмон, таҷдид ва таъмири 2762,6 км роҳ, 254 пул, 2 чорроҳаи сесатҳа ва 2 чорроҳаи дусатҳа, 11 нақби мошингузар ва 3,6 км долонҳои зиддитармавӣ амалӣ гардиданд. Ҳамзамон, 219 км роҳи оҳан бо 5 пул ва 3 нақб бунёду таҷдид шуданд. Барои таъмини нигоҳдории босифати роҳҳо 761 техника ва таҷҳизоти роҳдорӣ харидорӣ шуд.

9. Дар баробари амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ иҷрои корҳои асосии сохтмонӣ аз ҳисоби маблағҷудокунии буҷети ҷумҳуриявӣ вусъат ёфта, бо ин мақсад дар солҳои Истиқлоли давлатӣ ба маблағи 474,7 млн сомонӣ корҳо иҷро гардиданд.

10. Дар доираи ин маблағгузориҳо таҷдиду барқарорсозии 217,5 км роҳ, сохтмону барқарорсозии 104 пул бо дарозии 3081,9 метр, барқарорсозии 4 қубур бо дарозии 133 метр, барқарорсозии 1425 метр саддаи соҳилмустаҳкамкунӣ, инчунин сохтмони 6 бинои хизмативу маъмурӣ ва корҳои дигари ба ҳам алоқаманд анҷом дода шуданд.

11. Вобаста ба рушд ва таҷдиди роҳҳои автомобилгард ва иншооти алоқаманди он, маблағҷудокунии буҷавӣ барои нигоҳдории роҳҳо бо мақсади таъмини ҳаракати пайваста ва бехатарии воситаҳои нақлиёт, ҳамчунин дар ин давра тамоюли пайвастаи рушдро касб намуд. Дар маҷмуъ, бо истифодаи маблағгузорӣ аз ҳама манбаъҳо асфалтпӯш ва шағалпӯшкунонии қариб 10400 км роҳҳо ва таъмиру барқарорсозии 1660 пулҳои миёнаю хурд ва иҷрои корҳои дигари марбут ба он анҷом дода шуданд.

12. Дар натиҷаи таҷдиду азнавсозии роҳҳои мошингард дар зарфи панҷ соли охир тибқи арзёбии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии ҷаҳонӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои сифати роҳҳо дар байни 165 давлати ба таҳқиқот фарогирифташуда аз зинаи 50 ба 44 баромада, нисбат ба солҳои қаблӣ 6 зина баланд гардид.

13. Теъдоди воситаҳои нақлиёти автомобилии дар иқтисодиёти кишвар фаъолияткунанда ба ҳолати имрӯза ба 59519 расидааст, ки нисбат ба соли 2013-ум 54,9 дарсад (соли 2013 – 32696) зиёд мебошад. Теъдоди нуқтаҳои хизматрасониҳои техникӣ аз 805 соли 2013 ба 1352 (бо афзоиши 40 дарсад) ба ҳолати имрӯза расонида шуд.

14. То имрӯз 9 терминали замонавии байналмилалии боркашонӣ, ки аз онҳо 3 терминалҳои фосилавӣ ва 6 терминалҳои наздисарҳадӣ дар гузаргоҳҳои давлатии наздисарҳадӣ бо кишварҳои ҳамсоя бунёд гардиданд. Ҳамзамон, дар самти хизматрасонии мусофиркашонӣ дар марказҳои шаҳру ноҳияҳои кишвар 5 терминали ҳозиразамони мусофиркашонӣ сохта ба истифода дода шуданд.

15. Ба ҳолати ҳозира терминалҳои наздисарҳадӣ дар Қулма (бо иқтидори ҳамлу нақли 316,2 ҳазор тонн/бор дар як сол), Дустӣ (629,1 ҳазор тонн/бор), Панҷи Поён (555,1 ҳазор тонн/бор), Фотеҳобод (737,1 ҳазор тонн/бор), Гулистон (450 ҳазор тонн/бор), Патар (239,8 ҳазор тонн/бор), Саразм (247,6 ҳазор тонн/ бор), Навбунёд (19,9 ҳазор тонн/ бор) ва Ҳаштяк (2,9 ҳазор тонн/бор), терминалҳои Маданият, Равот, Ҳавотаг, Зафаробод ва Қуштегирмон, терминалҳои фосилавии шаҳри Душанбе, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Сижд, ва инчунин терминалҳои мусофиркашонии дарвозаи ҷанубии шаҳри Душанбе, дарвозаи ғарбии шаҳри Душанбе «Чоряккорон», дарвозаи шимолии шаҳри Душанбе «Чорбоғ» сохта шуда, фаъолият менамоянд.

16. Дар самти роҳи оҳан дар даврони Истиқлоли давлатӣ ҳамагӣ 220,0 км хатти роҳи оҳан сохта, ба истифода дода шудааст. Аз ҷумла, соли 1999 роҳи оҳани Бохтар–Кӯлоб ба истифода дода шуд. Дарозии умумии роҳи оҳани Бохтар–Кӯлоб 132 километр буда, дар ин масир 5 пули калон ва 7 истгоҳу вокзал сохта шуд.

17. Бо мақсади рушди соҳаи нақлиёти роҳи оҳан дар ин давра сохтмони роҳҳои оҳани дохилӣ ва минтақавӣ сохта шудааст, аз ҷумла дар арафаи ҷашни 25 солагии Истиқлоли давлатии кишвар (соли 2016) қитъаи Ваҳдат-Ёвони роҳи оҳани Душанбе-Бохтар-Кӯлоб бо дарозии

умумии 40,8 км, ки аз 3 нақб бо дарозии 3643 метр, 8 пул бо дарозии 683,2 метр иборат аст, сохта ба истифода дода шуд.

18. Баҳри мустаҳкам намудани иқтидори техникии Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» 937 вагони нави боркашу мусофиркаш, аз ҷумла 769 вагони боркаш, 168 вагони мусофиркаш, 2 вагон-тарабхона, инчунин 7 локомотиви дизелӣ (тепловоз) ва 1 дизел қатораи мусофиркашонӣ харидорӣ гардида, мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар айни замон 34 истгоҳу 4 вокзали роҳи оҳан таҷдиду аз нав сохта шуданд.

19. Дар самти авиатсияи граждании терминали мусофиркашонӣ дар Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе (бо иқтидори 500 нафар дар 1 соат) сохта шуда, фаъолият менамояд. Ҳамзамон, фурудгоҳҳои байналмилалии шаҳри Хуҷанд, Кӯлоб ва Бохтар таҷдиду азнавсозӣ гардида, фаъолияти самти хизматрасонии авиатсияи гражданиро таъмин менамоянд.

20. Дар айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи нави рушд қарор дошта, яке аз ҳадафҳои муҳимми худро рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия муайян намудааст.

21. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар идоракунии давлатӣ як ҷанбаи муҳим мебошад. Хизматрасониҳои рақамӣ, шаҳрҳои зеҳнӣ ва низомҳои идоракунии маълумот имкон медиҳанд, ки сифати хизматрасониҳои давлатӣ баланд шуда, дастрасӣ ва шаффофияти онҳо беҳтар гардад, инчунин амалҳои коррупсионӣ ҳамзамон коҳиш ва эътимодбахшии ниҳодҳои давлатӣ таҳким ёбад.

22. Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази рақамикунонии соҳаи нақлиёт» (минбаъд - **КВД «МРСН»**) мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуда, Барномаи заминавии ягонаи идоракунии низомҳои нақлиётӣ ва қоидаҳои истифодабарии он расман муаррифӣ гардид.

23. Дар умум, фаъолияти КВД «МРСН» имкон медиҳад, ки тамоми хизматрасониҳои нақлиётӣ ба таври электронӣ ва шаффоф таъмин шуда, зуҳуроти номатлуби иқтисоди пинҳонӣ бамаротиб коҳиш ёбад.

24. Бояд қайд намуд, ки дар 371 техникаву механизмҳои роҳдории Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгард»-и вилояту минтақаҳо ва МДНРА-и шаҳру ноҳияҳо таҷҳизоти мавқеъмуайянкунандаи моҳворавӣ (GPS) насбу васл гардида мавриди истифодабарӣ қарор гирифтааст. Ин ба зиёд гаштани теъдоди воситаҳои нақлиёт бо низоми таҷҳизоти мавқеъмуайянкунандаи моҳворавӣ (GPS), аз ҷумла воситаҳои нақлиёти боркаш, автобусҳо ва нақлиёти мусофиркаши фармоишӣ мусоидат менамояд.

25. Соҳаи нақлиёт вобаста ба шароити хоси иқлимӣ ва ҷойгиршавии ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори хизматрасонии нақлиётӣ аҳаммияти калон дошта, ҳамлу нақли беш аз 94,5 дарсад бор ва 99,8 дарсад мусофир тавассути ин соҳа амалӣ мегардад. Ҳамзамон

тамоюлҳои афзояндаи ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ аҳаммияти хизматрасонии нақлиётиро дар бозори ҷаҳонӣ зиёд мекунад. Бо вуҷуди афзоиши таваҷҷуҳ ба нақши стратегии транзит ва пешравиҳои ҷудогона дар рушди инфрасохтор, то ҳол як қатор монеаҳо ҷой доранд, ки рушди пурраи имкониятҳои транзитии кишварро маҳдуд мекунанд.

26. Дар ин радиф мушкилоти асосие, ки ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегӣ монеа мегарданд, инҳо мебошанд:

- норасоии шабакаи роҳи оҳан ба самти Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки имконияти пайванди мустақим бо бандарҳои баҳриро маҳдуд мекунад;

- иқтидори маҳдуди марказҳои логистикӣ ва терминалҳои сарҳадӣ, ки имконияти хизматрасонии маҷмуиро коҳиш медиҳад;

- сатҳи пасти рақамикунонӣ дар расмиёти гумрукӣ ва содиротӣ, ки боиси таъхир дар интиқоли бор мегардад;

- ҳамоҳангсозии нокифояи сиёсати транзитӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва мавҷуд набудани созишномаҳои амалкунанда оид ба «Равзанаи ягона»;

- рушди нокифояи инфрасохтори шабакаи роҳҳои автомобилгарди миллӣ;

- дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидани талаботи муассисаҳои нигоҳдории роҳҳо бо техникаи зарурӣ ва таҷҳизоти роҳдорӣ;

- ҷавобгӯ набудани марказҳои муосири логистикӣ ба стандартҳои байналмилалӣ;

- таъмин нагардидани гузаргоҳҳои сарҳадӣ бо инфрасохтори зарурии нақлиётӣ;

- рушди номукаммали нақлиёти ҷамъиятӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;

- саҳми хурди нақлиёти барқӣ ва инфрасохтори он дар ҳамлу нақли мусофирбарӣ;

- мавҷуд набудани махзани ягонаи хизматрасониҳои соҳаи роҳу нақлиёт;

- мавҷуд будани мушкилот ҷиҳати дарёфту ҷалби мутахассисони дорои дониши зарурӣ дар технологияҳои иттилоотӣ, таҳлили маълумот, барномасозӣ ва соҳаҳои дигари алоқаманд;

- муқовимати кормандон ба навовариҳои рақамӣ;

- нокифоя будан ё набудани маблағгузорӣ дар самти рақамикунонӣ, ки ба дастгирии шарикони рушд ниёз дорад;

- ба таври кофӣ ва васеъ истифода нагаштани таҷҳизоти мавқеъмуайянкунанда (GPS) дар роҳу нақлиёти дохилӣ, аз ҷумла мошинҳои боркаш, автобусҳо ва нақлиёти мусофиркаши фармоиши «таксӣ»;

- таъмин намудани соҳаи нақлиёт бо стандарти ягонаи истифодаи низомҳои иттилоотӣ, инчунин ҳамкории электронӣ;

- амалӣ нагардидани мушаххасгардонии рақамии роҳҳои автомобилгард ва иншооти он;

- фарогирии нокифояи шабакаҳои роҳҳои автомобилгард бо низоми рақамӣ;

- рушди нокифояи механизми назорати рақамии ҳаракати воситаҳои нақлиёти гаронвазн тибқи тартиби ягона;

- фарсуда ва корношоям гардидани парки локомотивҳо, вагонҳои боркашу мусофирбар, инчунин рӯйбасти болоии роҳ;

- арзиши баланди тарифҳои мусофиркашонӣ, боркашонӣ ва нақлиётӣ;

- истифодаи нопурраи имкониятҳои транзитӣ, хусусан дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ;

- норасоии ҳавопаймоҳои мусофиркаш ва мавҷуд набудани ҳавопаймоҳои боркаш;

- ба таҷдиду азнавсозӣ ниёз доштани фурудгоҳҳои маҳаллӣ барои роҳандозии парвозҳои маҳаллӣ бо хавопаймоҳои хурдҳаҷм.

## 3. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ БАРНОМАИ МАЗКУР

27. Мақсади асосии Барномаи мазкур ба кишвари транзитӣ дар минтақа табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истифодабарии иқтидорҳои транзитии он буда, вазифаи асосии он таъмини сатҳи баланди хизматрасониҳо дар соҳаи нақлиёт, васеъ намудани фаъолияти инноватсионию технологӣ ва рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ дар соҳаи нақлиёт, суръатбахшии ҳаракати молҳо, кам кардани хароҷот ва таъмини рақобатпазирии низоми нақлиёти миллӣ дар бозори хизматрасониҳои нақлиётии минтақа ва ҷаҳонӣ мебошад.

28. Амалинамоии Барномаи мазкур дар татбиқи сиёсати Ҳукумати кишвар дар соҳаи нақлиёт марҳилаи калидӣ мегардад, зеро ин сиёсат ба гузариши босуръати иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба самти инноватсионии рушд, баланд бардоштани суръати рушди соҳаи иқтисодиёт равона карда шудааст. Барномаи мазкур ба ҳалли мушкилоти ҷойдошта мусоидат карда, ҳамоҳангсозии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар самтҳои афзалиятноки рушди нақлиёт ва татбиқи ҳадафҳои дарозмуддати соҳаи нақлиёт таъмин менамояд.

29. Барномаи мазкур бо мақсади таъмин намудани фаъолияти устувор, боэътимод ва самараноки соҳаи нақлиёт ва инфрасохтори он таҳия гардида, ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар равона шудааст. Амалисозии Барномаи мазкур тавассути баланд бардоштани сифати хизматрасонии нақлиётӣ, коҳиш додани хароҷоти вобаста ба нақлиёт

ва беҳтар намудани сифати фазои ҳаракат дар роҳҳои автомобилгард, оҳан ва нақлиёти ҳавоӣ анҷом мегирад.

30. Барои ноил шудан ба ҳадафи асосӣ иҷрои вазифаҳои зерин дар соҳа муҳим мебошанд:

- ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ бо мақсади баланд бардоштани иқтидори транзитии кишвар;

- таҳкими инфрасохтори нақлиётиву логистикӣ байни минтақаҳои кишвар ва давлатҳои ҳамсарҳад;

- рушди нақлиёти барқӣ ва инфрасохтори он;

- рақамикунонии маҷмуи соҳаи нақлиёт;

- рушди нақлиёти роҳи оҳан ва инфрасохтори он;

- рушди авиатсияи гражданӣ ва инфрасохтори он;

- таъмини дастрасии нақлиёти ҷамъиятӣ барои шахсони дорои имконияти маҳдуд;

- таъминоти нақлиётии минтақаҳои саноатии рушди иқтисодӣ, пеш аз ҳама дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории аҳаммияти давлатидошта.

31. Дар доираи ташаккул ва рушди инфрасохтори транзитӣ бо мақсади баланд бардоштани иқтидори транзитии кишвар барои сохтмон ва таҷдиди шоҳроҳҳои байналмилалӣ ва маҳаллӣ иҷрои тадбирҳои зерин лозим аст, аз ҷумла:

- таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе - Кулма, қитъаи Рушон - Хоруғ (235 км), Варшез - Кулма (296 км);

- таҷдиди роҳи Душанбе – Қизил - Арт, қитъаи Мурғоб – Қизил - Арт (185 км);

- таҷдиди роҳи Хоруғ - Рошткалъа (37,1 км) ва роҳи Хоруғ - Ишкошим - Тузкул (320 км);

- сохтмони роҳи таворавии шаҳри Хоруғ (бо назардошти нақб 7,7 км);

- сохтмони роҳи автомобилгарди Лабиҷаҳр – Сангвор - Дарвоз (135 км);

- таҷдиди роҳи Тугарак - Саричашма - Шамсиддин Шоҳин (49 км);

- таҷдиди роҳи автомобилгарди Ховалинг - Сангвор (74 км), марҳилаи 1 ва 2;

- таҷдиди роҳи Гулистон – Фархор – Панҷ - Дустӣ (137 км), марҳилаи 1 ва 2;

- сохтмони роҳи таворавии шаҳрҳои Кӯлоб (10,8 км) ва Бохтар (7,9 км);

- таҷдиди роҳи Обигарм - Нуробод қитъаи 3, (0,6 км) ва 1 пул (920 м);

- сохтмон ва таҷдиди роҳи автомобилгарди Ҷалолиддини Балхӣ – Қубодиён - Шаҳритус - Айвоҷ то сарҳади Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (170 км);

- таҷдиди роҳи Бобоҷон Ғафуров – Қаҳрамон - Пунган то сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ноҳияи Ашт (120 км);

- таҷдиди роҳи Айнӣ - Мастчоҳи Кӯҳӣ (150 км);

- ҳамгироии роҳҳои автомобилӣ ва роҳи оҳан бо кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

- сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгарди аҳаммияти маҳаллидошта аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ.

32. Дар самти таҳкимбахшии инфрасохтори нақлиётиву логистикӣ байни минтақаҳои кишвар ва давлатҳои ҳамсарҳад иҷрои тадбирҳои зерин заруранд:

- сохтмони марказҳои логистикӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияи Данғара;

- сохтмони маркази логистикӣ дар назди бандари Чобаҳори Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Қошғари Ҷумҳурии Мардумии Чин;

- сохтмони терминалҳои муосири наздисарҳадӣ дар вилоятҳои Суғд, Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

- ба роҳ мондани технологияи зеҳни сунъӣ ва технологияҳои муосири иттилоотӣ ва хизматрасониҳои нақлиёти автомобилӣ;

- бунёди терминалҳои боркашонии байналмилалӣ (CARGO) дар фурудгоҳҳо ва гузаргоҳҳои наздисарҳадӣ;

- таҷдиди терминалҳо барои гузаргоҳҳои автомобилӣ;

- сохтмони майдончаҳои контейнерӣ ва платформаҳои мултимодалӣ;

- рушди нақлиёти ҷамъиятӣ бо таъмини электробусҳо дар шаҳрҳои Бохтар, Сарбанд, Кӯлоб, Ваҳдат, Турсунзода ва шаҳраки Сомонии ноҳияи Рудакӣ;

- бунёди инфрасохтор барои хизматрасонии нақлиёти фаромарзӣ ва байналмилалӣ дар роҳҳои аҳаммияти байнилмилалидошта.

33. Дар самти рушди нақлиёти барқӣ ва инфрасохтори он иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:

- рушди нақлиёти барқӣ ва инфрасохтори он дар шоҳроҳҳои байналмилалии автомобилӣ ва шаҳру ноҳияҳои мухталифи ҷумҳурӣ;

- таъмини воридоти нақлиёти барқӣ ва қисмҳои эҳтиётии он ва омода намудани мутахассисон дар соҳаи хизматрасонии нақлиёти барқӣ;

- бунёди ду корхонаи муосир оид ба нобутсозӣ (утилизатсия) ва коркарди батареяҳои электромобилҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ.

34. Дар самти рақамикунонии маҷмуи соҳаи нақлиёт иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:

- амалӣ ва густариши муомилоти электронӣ дар нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан;

- таҳия ва амалисозии Барномаи заминавии ягонаи «Нақлиёти рақамӣ ва логистика»;

- ҷоринамоӣ ва густариши низомҳои зеҳнии нақлиётӣ (ITS);

- ҳамгироии Барномаи заминавии ягонаи «Нақлиёти рақамӣ ва логистика» бо низоми дохилӣ ва берунӣ;

- баланд бардоштани сатҳи киберамнияти низоми нақлиётӣ ва марказҳои коркарди маълумот.

35. Дар самти рушди нақлиёти роҳи оҳан ва инфрасохтори он иҷрои тадбирҳои зерин заруранд:

- амалисозии лоиҳаи сармоягузории сохтмони роҳи оҳани минтақавии Ҷалолиддини Балхӣ–Ҷайҳун–Панҷи Поён;

- харидории вагонҳои боркашу мусофирбар ва локомотивҳо;

- иваз намудани пояча (шпал)-ҳои фарсудаи чӯбин ба оҳану бетонӣ;

- иваз намудани релсҳои фарсудашуда ба релсҳои навъи R-65.

36. Дар самти рушди авиатсияи граждании ва инфрасохтори он иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:

- таъмини парки ҳавопаймоҳо бо ҳавопаймоҳои нави замонавии мусофиркаш ва боркаш;

- муосиргардонии таҷҳизоти аэроавигатсионӣ;

- васеъкунии терминали мусофиркашонӣ дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе;

- таҷдиду азнавсозии фурудгоҳҳои маҳаллӣ барои истифодаи авиатсияи хурд ва таъмини рушди парвозҳои маҳаллӣ бо ҳавопаймоҳои хурдҳаҷм;

- сохтмони терминали мусофиркашонӣ дар Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд, марҳилаи 2 ва 3;

- васеъкунии терминали мусофиркашонӣ дар Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб;

- таҷдид ва муҷаҳҳазгардонии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар»;

- ташкили марказҳои таълимии авиатсионӣ тибқи талаботи байналмилалӣ барои омодакунӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони авиатсияи гражданӣ.

## 4. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ БАРНОМАИ МАЗКУР

37. Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари ба баҳр дастрасинадошта буда, аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дар кӯҳистони Осиёи Марказӣ ҷойгир аст. Ин мавқеъ, аз як тараф барои дастрасӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ маҳдудиятҳо эҷод мекунад, аммо аз ҷониби дигар, кишварро ба пули пайвасткунандаи транзитӣ байни Ҷумҳурии Мардумии Чин, Осиёи Ҷанубӣ ва Аврупо табдил дода метавонад.

38. Дар ин росто, Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 долони афзалиятноки транзитиро муайян кардааст, ки кишварро дар ду самти асосӣ, Шимол-Ҷануб ва Шарқ-Ғарб ба шабакаи минтақавии интиқол пайваст мекунад.

39. Солҳои охир дар доираи долонҳои Барномаи минтақавии ҳамкории иқтисодии Осиёи Марказӣ 2 (CAREC 2) (Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ҷумҳурии Ӯзбекистон), Барномаи минтақавии ҳамкории иқтисодии Осиёи Марказӣ 3 (CAREC 3) (Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ҷумҳурии Қирғизистон - Ҷумҳурии Мардумии Чин) ва Барномаи минтақавии ҳамкории иқтисодии Осиёи Марказӣ 5 (CAREC 5) (Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ҷумҳурии Исломии Афғонистон) корҳо оид ба навсозии роҳҳо, гузаргоҳҳои марзӣ ва васлшавии шабакаҳои роҳи оҳан бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон амалӣ шуданд.

40. Тавсеаи шабакаҳои ҳамлу нақл, рақамикунонии расмиёти гумрукӣ ва таъсиси марказҳои логистикии замонавӣ ҳамчун самтҳои афзалиятнок дар давраи миёнамуҳлат ба ҳисоб меравад.

41. Барои амалисозии Барномаи мазкур амалӣ намудани чорабиниҳои зерин зарур мебошанд:

- васеъ намудани пайвастшавии роҳҳо бо Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон тавассути роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан;

- таъсиси марказҳои логистикӣ;

- рақамикунонии пурраи расмиёти гумрукӣ, содиротӣ ва воридотӣ дар нуқтаҳои асосии сарҳад;

- ба имзо расонидани созишномаҳои нави транзитӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва шарикони асосии тиҷоратӣ.

42. Дар самти васеъ намудани пайвастшавии роҳҳои автомобилгард ва оҳан андешидани тадбирҳои зерин муҳим аст:

- оғози сохтмон ва ба истифода додани хатти роҳи оҳан бо дарозии 51 км Ҷалолиддини Балхӣ – Панҷи Поён бо мақсади пайвасти мустақим ба шабакаи роҳи оҳани Ҷумҳурии Исломии Афғонистон;

- таҷдиди пурраи роҳи автомобилгард бо дарозии 60 км Исфара – Гулистон то нуқтаи назоратии гузаргоҳи Ботканд, бо мақсади таъмини транзити вилояти Суғд ба дороиҳои нақлиётии Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин;

- таҷдиди пурраи роҳи 130 км Ишкошим – Лангар (қисмати Хоруғ – Мурғоб – Кулма) бо ҳадафи таъмини дастрасии доимӣ ба нуқтаи назоратии гузаргоҳи Кулма.

43. Дар самти таъсиси марказҳои минтақавии логистикӣ андешидани тадбирҳо барои анҷом расонидани сохтмони марказҳои логистикӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд ва нуқтаи Панҷи Поён муҳим аст.

44. Дар самти рақамикунонии расмиёти гумрукӣ пайвастшавии пурра ба ташаббуси Барномаи минтақавии ҳамкории иқтисодии Осиёи Марказӣ – Долони Рақамӣ (CAREC Digital Corridor), ки дар доираи он табодули пурраи электронӣ оид ба маълумоти пешакии эъломия (декларатсия)-ҳои гумрукӣ ва сертификатҳо бо шарикони асосии тиҷоратӣ амалӣ мегарданд, яке аз афзалиятҳои Барномаи мазкур ба ҳисоб меравад.

## 5. НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТ ВА АРЗЁБИИ ХАВФҲОИ ЭҲТИМОЛӢ

45. Натиҷаҳои чашмдошти Барномаи мазкур ва нишондиҳандаҳои пешбинишаванда дар бахши васеъ намудани инфрасохтори муосири нақлиётиву логистикӣ чунинанд:

- афзоиши ҳаҷми боркашонӣ (млн тонна) ≤ 126,8 дарсад;

- афзоиши гардиши бор (млн т/км) ≤ 128,5 дарсад;

- афзоиши ҳаҷми мусофирбарӣ (млн мусофир) ≤ 128,5 дарсад;

- афзоиши гардиши мусофирон (млн мусофир/км) ≤ 128,5 дарсад;

- афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ дар нақлиёти баркӣ (млн.мусофир) ≤ 124,7 дарсад;

- сохтмон ва таҷдиди роҳҳои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалидошта (км) ≤ 700.

46. Ба даст овардани ин нишондиҳандаҳо сифат ва дастрасии хизматрасониҳои нақлиётӣ дар соҳаи ҳамлу нақли дохилӣ ва байналмилалиро афзоиш дода, инфрасохтори ҳамаи намудҳои нақлиёти ҷумҳурӣ ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида мешавад, арзиши аслӣ ва тарифҳо барои интиқоли молу мусофирон тавассути нақлиёт коҳиш дода мешаванд ва шаффофияти хизматрасониҳои пулакии давлатӣ тавассути рақамисозии соҳа таъмин мегардад.

47. Натиҷаҳои чашмдошти зерин аз истифодаи имкониятҳои транзитӣ ва рушди долонҳои иқтисодӣ дар назар аст:

- хатти роҳи оҳани Ҷалолиддини Балхӣ - Панҷи Поён сохта ва ба истифода дода мешавад;

- асосноккунии техникию иқтисодии роҳи оҳани Ваҳдат - Қарамиқ таҳия карда мешавад;

- роҳҳои автомобилгарди Исфара - Гулистон (то нуқтаи назоратии гузаргоҳи Ботканд) ва Хоруғ - Ишкошим таҷдид мешаванд;

- 5 маркази логистикии замонавӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Хуҷанд, Кӯлоб ва нуқтаи Панҷи Поён ба истифода дода мешаванд;

- Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаббуси Барномаи минтақавии ҳамкории иқтисодии Осиёи Марказӣ - Долони Рақамӣ (CAREC Digital Corridor) пурра шомил шуда, табодули электронии эъломияҳои (декларатсия) гумрукӣ ва сертификатҳо бо шарикони асосии тиҷоратӣ роҳандозӣ мегарданд;

- шумораи созишномаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо инъикоси муқаррароти транзитӣ то 10 расонида мешаванд.

48. Арзёбии хавфҳои эҳтимолӣ ҳангоми маблағгузории Барномаи мазкур:

- сари вақт иҷро нагардидани талаботи Барномаи мазкур ва раванди маблағгузории он ба Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии он таъсири манфӣ мерасонад;

- дар ҳолати сари вақт ҷудо нагардидани маблағҳои пешбинишуда, хавфи эҳтимолӣ ба раванди амалишавии чорабиниҳои Барномаи мазкур таъсиргузор хоҳад шуд.

## 6. МАБЛАҒГУЗОРӢ ВА АМАЛИСОЗИИ БАРНОМАИ МАЗКУР

49. Маблағузории Барномаи мазкур аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, сармоягузории хориҷӣ, бахши хусусӣ, инчунин сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.

50. Ҳаҷми умумии маблағгузории Барномаи мазкур 19 181 572 000 (нуздаҳ миллиарду яксаду ҳаштоду як миллиону панҷсаду ҳафтоду ду ҳазор) сомониро ташкил медиҳад.

51. Ҳиссаи буҷети давлатӣ 189 465 700 (яксаду ҳаштоду нуҳ миллиону чорсаду шасту панҷ ҳазору ҳафтсад) сомониро ташкил медиҳад, ки маблағҳои шартии буҷавиро дар бар гирифта, дар шакли сабукиҳои андозӣ, имтиёзҳои гумрукӣ, андозӣ ва иҷтимоӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои Барномаи мазкур ба ҳисоб гирифта мешаванд.

52. Маблағгузории боқимонда аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд ба маблағи 16 510 039 100 (шонздаҳ миллиарду панҷсаду даҳ миллиону сиву нуҳ ҳазору сад) сомонӣ ва аз ҳисоби маблағҳои бахши хусусӣ ба маблағи 2 482 067 200 (ду миллиарду чорсаду ҳаштоду ду миллиону шасту ҳафт ҳазору дусад) сомонӣ пешбинӣ мегардад.

## 7. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ БАРНОМАИ МАЗКУР

53. Мониторинг ва арзёбии амалисозии Барномаи мазкур аз ҷониби Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

54. Мониторинг ва арзёбии амалишавии Барномаи мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва

арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешаванд.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

55. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои таъмини иҷрои самараноки Барномаи мазкур масъулият доранд.

56. Амалисозии Барномаи мазкур ва иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии он аз ҷониби Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 26 феврали соли 2026, № 74

# Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030

Ниг. ба замима